“Мувофиқа карда шуд”
Бо Шӯрои ҳамоҳангсозии
фаъолияти мақомоти санҷишӣ

аз “12” 26 соли 2022

Протоколи № 12

“Тасдиқ карда шудааст”
Сардори Хадамоти назорати
давлатии энергетикӣ

________ Ғ. Убайдуллозода

аз “17” 10 соли 2022

**Номгӯи меъёрҳои таваккал бо холҳо**

Меъёрҳои таваккал барои арзёбии дараҷаи таваккали субъектҳои хоҷагидорӣ аз тарафи: **Хадамоти назорати давлатии энергетикӣ**

Аз рӯи санҷиш дар соҳаи **энергетика**

Мақомот: **Хадамоти назорати давлатии энергетикӣ**

**Мавзӯи санҷиш:**

- истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои сӯзишворию энергетикӣ;
- ҳолати техникии нерӯгоҳҳои барқӣ, шабакаҳои барқӣ ва дастгоҳҳои барқию гармӣ, низоми истифодаи нерӯи барқу гармӣ;
- риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва васлу насби дастгоҳҳои барқӣ;
- гузаронидани чорабиниҳои таъминкунандаи хизматрасонии бехатари дастгоҳҳои барқӣ ва истифодабарандаи гармӣ;
- ҳолати баҳисобгирии истеҳсол ва истифодаи энергияи барқу гармӣ.

| Гурӯҳи I | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Субъектҳои хоҷагидор | | Мафҳумҳо | Хол | Эзоҳ |
| 1 | Субъектҳои хоҷагидоре, ки ба истеҳсоли энергияи барқу гармӣ машғуланд (НБО-ҳо, МБГ) ва субъектҳои хоҷагидоре, ки ба интиқол ва тақсимоти энергияи барқу гармӣ машғуланд, инчунин субъектҳои хоҷагидоре, ки зеристгоҳи барқии баланд шидат доранд (Шабакаҳои барқӣ, корхонаҳои саноатӣ) | Субъектҳои хоҷагидоре, ки энергияи барқи истеҳсолшавандаро тавассути зеристгоҳҳои барқии баландшиддат интиқол медиҳанд | 40 | Ин меъёр нишон медиҳад, ки субъектҳои хоҷагидор таҷҳизоти гаронарзиш ва хатарнок ба ҳаёти инсон ва муҳити атрофро истифода мебаранд |
| | | Субъектҳои хоҷагидоре, ки дар фаъолияти худ таҷҳизоти бо маводҳои химиявӣ алоқамандро истифода мебаранд | 30 | Меъёри мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар зеристгоҳҳои барқӣ дастгоҳҳои тақсимоти пӯшидаи элегазӣ (ДТПЭ) маводҳои химиявии $CF_6$ ва омехтаҳои он истифода мешаванд. Дар шиддатҳои 220-500кВ шадидияти майдони электрикӣ аз 5кВ/метр зиёд аст, ки ин ба организми кормандон таъсири манфӣ мерасонад |
| | | Ҳодисаҳои нохуши субъекти хоҷагидор | 20 | Меъёри мазкур сатҳи номураттабии риояи Қоидаҳои техникаи бехатариро дар ташкилот нишон медиҳад. Дар назар дошта мешавад, ки муассисаҳое, ки дар онҳо қаблан ҳодисаҳои нохуши марговар ё ҳодисаҳои нохуш бо ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ ҷой доштанд (дар 3 соли охир) |
| | | Ворид гардидани арзу шикоят нисбати субъектҳои хоҷагидор | 10 | Ин меъёр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нисбати фаъолияти субъекти хоҷагидор арзу шикоят ворид мегардад |
| 2 | Субъектҳои хоҷагидоре, ки фаъолияташон ба истеҳсол, интиқол, нигоҳдорӣ ва фурӯши нафту газ ва маҳсулоти нафтӣ алоқаманд мебошад | Субъектҳои хоҷагидоре, ки фаъолияташон ба истихроҷ, нигоҳдории маҳсулоти ангиштсанг алоқаманд мебошад | 40 | Меъёри мазкур нишон медиҳад, ки субъекти хоҷагидор бо маводҳои газноки сӯзанда фаъолият менамояд |
| | | Қоидавайронкуниҳои ҷиддие, ки ба саломатӣ ва бехатарии инсон хатарнок мебошанд | 40 | Ин меъёр нишон медиҳад, ки дар ҷараёни санҷишҳои қаблӣ кадом қоидавайронкуниҳо ошкор гардида буданд |
| | | Баъзе қоидавайронкуниҳои, ки ба саломатии кормандон хатари начандон калон дорад | 10 | |
| | | Ворид гардидани арзу шикоят нисбати субъектҳои хоҷагидор | 10 | Ин меъёр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нисбати фаъолияти субъекти хоҷагидор арзу шикоят ворид мегардад |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3 | Клиникаҳои хусусии тиббӣ | Субъектҳои хоҷагидор (Клиникаҳои хусусии тиббӣ)-е ки шуъбаи ҷарроҳӣ доранд | 50 | Меъёри мазкур ба он далолат медиҳад, ки субъекти хоҷагидор ба хотири таъмини ҳаёти инсон ҳангоми амалиёти ҷарроҳӣ бояд манбаи захиравии эҳтиётӣ дошта бошад |
| | | Қоидавайронкуниҳои ҷиддие, ки ба саломатӣ ва бехатарии инсон хатарнок мебошад | 30 | Ин меъёр нишон медиҳад, ки дар ҷараёни санҷишҳои қаблӣ кадом қоидавайронкуниҳо ошкор гардида буданд |
| | | Баъзе қоидавайронкуниҳои, ки ба саломатӣ кормандон ягон хатаре надорад | 10 | |
| | | Ворид гардидани арзу шикоят нисбати субъектҳои хоҷагидор | 10 | Ин меъёр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нисбати фаъолияти субъекти хоҷагидор арзу шикоят ворид мегардад |
| 4 | Бозорҳо ва марказҳои савдои калон | Субъектҳои хоҷагидоре, ки дар соҳаи савдо хизматрасонӣ менамоянд | 40 | Меъёри мазкур ба он далолат медиҳад, ки ҳангоми рух додани садамаи баркӣ, ҳодисаи нохуши бо барқ алоқаманд, миқдори зиёди одамон ва муҳити атроф метавонад зарар бинанд |
| | | Субъектҳои хоҷагидоре, ки дар он миқдори зиёди соҳибкорони инфиродӣ ва тоҷирон ба таври иҷора фаъолият менамоянд | 30 | Зуд–зуд иваз шудани тоҷирон ва паст будани маданияти истифодаи энергияи барқ |
| | | Баъзе қоидавайронкуниҳои, ки ба саломатии кормандон хатари начандон калон дорад | 10 | Ин меъёр нишон медиҳад, ки дар ҷараёни санҷишҳои қаблӣ кадом қоидавайронкуниҳо ошкор гардида буданд |
| | | Ворид гардидани арзу шикоят нисбати субъектҳои хоҷагидор | 10 | Ин меъёр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нисбати фаъолияти субъекти хоҷагидор арзу шикоят ворид мегардад |
| | | | | |

| Гурӯҳи II | | | |
|---|---|---|---|
| Субъектҳои хоҷагидор | Мафҳумҳо | Хол | Эзоҳ |
| Субъектҳои хоҷагидор | Субъектҳои хоҷагидоре, ки дар фаъолияти худ дастгоҳҳои барқиро бо тавоноии аз 5,1 кВт зиёд иқтидори иҷозатдодашуда доранд (дар асоси Шарти техникӣ, ки аз тарафи ширкатҳои барқтаъминкунанда дода шудааст) истифода мебаранд | 40 | Меъёри мазкур нишон медиҳад, ки субъекти хоҷагидор дар фаъолияти худ барққабулкунакҳо ва дастгоҳҳои барқӣ истифода мебаранд, риоя накардани қоидаҳои амалкунандаи соҳа метавонад ба ҳодисаи нохуши бо барқ алоқаманд оварда расонад |
| | Қоидавайронкуниҳои ҷиддие, ки ба саломатӣ ва бехатарии инсон хатарнок мебошад | 30 | Ин меъёр нишон медиҳад, ки дар ҷараёни санҷишҳои қаблӣ кадом қоидавайронкуниҳо ошкор гардида буданд |
| | Баъзе қоидавайронкуниҳои, ки ба саломатӣ кормандон ягон хатаре надорад | 10 | |
| | Ворид гардидани арзу шикоят нисбати субъектҳои хоҷагидор | 10 | Ин меъёр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нисбати фаъолияти субъекти хоҷагидор арзу шикоят ворид мегардад |
| **Гурӯҳи III** | | | |
| Субъектҳои хоҷагидор | Мафҳумҳо | Хол | Эзоҳ |
| Субъектҳои хоҷагидор | Субъектҳои хоҷагидоре, ки дар фаъолияти худ дастгоҳҳои барқиро бо тавоноии то 5 кВт иқтидори иҷозатдодашуда доранд (дар асоси Шарти техникӣ, ки аз тарафи **воҳидҳои сохтории** ширкатҳои барқтаъмин-кунанда дода шудааст) истифода мебаранд | 30 | Меъёри мазкур нишон медиҳад, ки риоя накардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ метавонад боиси сар задани ҳодисаи нохуши бо барқ алоқаманд гардад |
| | Қоидавайронкуниҳои ҷиддие, ки ба саломатӣ ва бехатарии инсон хатарнок мебошад | 20 | Ин меъёр нишон медиҳад, ки дар ҷараёни санҷишҳои қаблӣ кадом қоидавайронкуниҳо ошкор гардида буданд |
| | Ворид гардидани арзу шикоят нисбати субъектҳои хоҷагидор | 10 | Ин меъёр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нисбати фаъолияти субъекти хоҷагидор арзу шикоят ворид мегардад |

Эзоҳ: холгузории ҳар як гурӯҳ (аз ҷумла зергурӯҳи 1-4) дар алоҳидагӣ сурат мегирад.